**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-063 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 09.06.2026, №15
Барои сазовор донистани Асрорзода Абдулло Саттор, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор, ки дар мавзӯи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст, аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5), ки дар асоси фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шуд (№26 аз 06.04.2026).

Довталаби дараҷаи илмӣ - Асрорзода Абдулло Саттор, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 апрели соли 1985 таваллуд шудааст, оиладор, соҳиби 5 фарзанд.

Соли 2008 Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси умури бонкӣ хатм намудааст. Дар солҳои минбаъда дар вазифаҳои гуногуни таълимӣ, идоракунӣ ва ташкилии муассисаҳои таълимӣ ва сохторҳои давлатию соҳибкорӣ, аз ҷумла, ҳамчун мушовири академӣ, муовини декан дар Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, директори муассисаҳои таълимии касбӣ фаъолият кардааст. Аз моҳи апрели соли 2024 то ҳол дар вазифаи Роҳбари Гурӯҳи татбиқи Лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-и назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Аз соли 2020 то соли 2025 ба ҳайси унвонҷӯйи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) фаъолияти илмию таҳқиқотӣ намуда,

диссертатсияи ӯ дар ҳамин муассиса, дар кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Валиев Низомиддин Шаробудинович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори раёсати рушди стратегӣ ва менеҷменти сифати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- Аминов Иномҷон - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон;

- Сафаров Ҷовидон Азизмадович - номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи соҳибкорӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз, асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар самти илми дахлдор муассисаи шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар аз тарафи коршинос, Аминов Раҳматулло Ҷалолиддинович, н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти гумрукии муассисаи мазкур таҳия гардида, дар ҷаласаи якҷояи кафедраи фаъолияти гумрукӣ ва менеҷмент ва кафедраи ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 22.05.2026 (суратҷаласаи №10) баррасӣ гардидааст ва аз тарафи ректори донишгоҳ, д.и.и., профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи мавзӯи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраршудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода

гардидааast, дар он масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Асрорзода Абдулло Саттор сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 10 интишори илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

1. Асрорзода А.С. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми самараноки таъмини рушди устувори иқтисодӣ /Ф.Р. Шарофзода, А.С. Асрорзода // Паёми ДДТТ. - Душанбе, 2025. - №3(58). - С. 490-495.

2. Асрорзода А.С. Ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ / А.С. Асрорзода // Паёми ДДТТ. - Душанбе, 2025. - № 2. - С. 68-73.

3. Асрорзода А.С. Дастгирии давлатии соҳибкорӣ: моҳият, зарурат ва роҳҳои такмили он дар шароити муосир / А.С. Асрорзода // Паёми ДДТТ. - Душанбе, 2024. - № 3 (53). - С. 15-25.

4. Асрорзода А.С. Нақши фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди устувори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Ш. Валиев, С.С. Амонов, А.С. Асрорзода // Паёми ДДТТ. - Душанбе, 2024. - № 1 (51). - С. 63-75.

5. Асрорзода А.С. Роҳҳои беҳбудии амнияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.Қ. Хайрзода, А.С. Асрорзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2020. - № 1-2 (74). - С. 170- 176.

6. Асрорзода А.С. Назарияҳои амнияти молиявӣ дар раванди таҳияи буҷа / А.С. Асрорзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2020. - № 1-2 (74). - С. 197-203.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

*Аз номи д.и.и., профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ризозода Тура Раббим бо чунин эродҳо:*

1). Дар қисмати назариявии таҳқиқот таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ба таври васеъ инъикос наёфтааст. Баррасии муфассалтари ин таҷрибаҳо метавонист эътимоднокии ақидаҳо ва хулосаҳои муаллифро боз ҳам тақвият бахшад.

2). Агар муаллиф масъалаи истифодаи технологияҳои инноватсиониро дар фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамбастагӣ бо дастгирии молиявии давлатӣ амиқтар таҳқиқ менамуд, сатҳи илмӣ ва амалии диссертатсия боз ҳам баландтар мегардид.

*Аз номи д.и.и., профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Калемуллоев Мунир Воҳидович бо чунин эродҳо:*

1). Дар қисми назариявӣ ақида ва назарияҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ вобаста ба моҳият ва хусусиятҳои механизми ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ба таври кофӣ ва фарогир мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд;

2). Сатҳи сифати таҳқиқот боз ҳам беҳтар мегардид, агар механизмҳои молиявӣ ва раванди дастгирии давлатӣ дар доираи ин механизмҳо ба таври мушаххас, пайдарҳам ва қадам ба қадам нишон дода мешуданд.

*Аз номи д.и.и., мудири шуъбаи бозори молиявӣ ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Шарифзода Баҳром Маҳмуд бо чунин эродҳо:*

1). Дар автореферат таъсири хавфҳои эҳтимолии молиявӣ ва институтсионалӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба таври муфассал баррасӣ нашудааст.

2). Агар механизмҳои ҷалби сармояи хориҷӣ дар раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо шарикии давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ таҳлил мегардиданд, сифати тадқиқоти илмӣ баландтар мешуд.

*Аз номи доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Досиев Маҳмадшоҳ Назарович бо чунин эродҳо:*

1). Хуб мешуд, агар муаллиф таҷрибаи кишварҳои пешрафта оид ба ҳамкории давлат ва бахши хусусиро васеътар таҳлил намуда, имкониятҳои мутобиқсозии онҳо ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистонро мушаххас менамуд.

2). Баъзе нишондиҳандаҳои оморӣ ва таҳлилҳои иқтисодӣ метавонанд бо маълумоти солҳои охир боз ҳам такмил дода шаванд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе норасогиву камбудиҳои автореферати диссертатсия муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

Диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор ба масъалаҳои мубрами рушди иқтисоди миллӣ бахшида шуда, ба таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва амалии такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ равона гардидааст. Мавзуи интихобшуда барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ дошта, ба афзалиятҳои сиёсати давлатии рушди соҳибкорӣ ва иқтисоди миллӣ мутобиқ мебошад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти анҷомдода:**

➢ **коркард шудаанд:** асосҳои назариявию методологии такмили механиз-ми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ баррасӣ ва аниқ карда шуда, мафҳум, маъно ва моҳияти ин ҳамкорӣ, нақши он дар рушди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ҳамчун фаъолияти самаранок мушаххас карда шудааст;

➢ **пешниҳод шудааст:** модели мукаммали ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ ва таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд;

➢ **исбот шудааст**, ки такмили механизмҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки:**

➢ **исбот шудаанд:** равишҳои илмӣ оид ба зарурати такмили низоми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити муосири рушди иқтисодӣ;

➢ **нисбат ба масъалагузории диссертатсия самаранок истифода шуда-анд:** усулҳои таҳлили иқтисодӣ, оморӣ, муқоисавӣ, системавӣ ва сохторӣ, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои нави илмӣ мусоидат намудаанд;

➢ **аниқ карда шудаанд:** хусусиятҳои ташаккул ва рушди муносибат-ҳои байни давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ;

➢ **омӯхта шудаанд:** ҳолати кунунӣ, мушкилот ва омилҳои таъсирра-сон ба рушди соҳибкорӣ ва низоми дастгирии давлатии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

➢ **гузаронида шудааст:** такмили равишҳои методологӣ оид ба арзёбии самаранокии механизми ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои амалия бо ин та-сдиқ мегардад, ки:**

➢ **таҳия ва пешниҳод шудаанд:** тавсияҳои амалӣ оид ба такмили ме-ханизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ;

➢ **муайян шудаанд:** самтҳои афзалиятноки рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

➢ **таҳия шудааст:** низоми пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани са-маранокии дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ;

➢ **пешниҳод шудаанд:** тавсияҳои методӣ барои истифода дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, сохторҳои соҳибкорӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки:**

➢ **назария** дар заминаи дастовардҳои илмии иқтисодиёти муосир, назарияи соҳибкорӣ ва рушди устувори иқтисодӣ бунёд гардидааст;

➢ **ғояи таҳқиқот** ба таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти оморӣ, барномаҳои давлатӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф асос ёфтааст;

➢ **истифода шудаанд** усулҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ, ки эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳои илмиро таъмин менамоянд;

➢ **муқаррар шудааст**, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии диссертатсия бо натиҷаҳои таҳлилҳои иқтисодӣ ва маводи амалии ҷамъовардашуда тасдиқ мегарданд.

**Саҳми шахсии довталаб дар он ифода меёбад, ки:**

➢ тамоми зинаҳои таҳқиқот ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузоштешуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудаанд;

➢ таҳлили ҳамаҷонибаи вазъ ва мушкилоти ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ бевосита аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудааст;

➢ татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба такмилдиҳии назария ва амалияи рушди шарикии давлат ва бахши соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад *(маълумотномаи дар бораи татбиқ аз Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)*;

➢ тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда дар ҷараёни таҳияи матни лексияҳо, маводҳои ёрирасонии таълимӣ бо мақсади тайёр намудани мутахассисони соҳаи соҳибкориву иқтисодиёт истифода шуда истодаанд *(маълумотнома дар бораи татбиқ аз Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон);*

➢ аз тарафи муаллиф пешниҳодҳои илмӣ ва амалӣ оид ба такмили механизми ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ таҳия гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 09 июни соли 2026 қарори сазовор донистани Асрорзода Абдулло Саттор ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар.

Овоз доданд: тарафдор - 14 нафар, муқобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Шарофзода Ф.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**